“Тасдиқ мекунам”
Директори Институти
чорводорӣ ва чарогоҳи АИКТ
н.и.к. ____________ Давлатов Х.Қ.
аз “ 03 ” ____________ соли 2025

# ХУЛОСАИ

Институти чорводорӣ ва чарогоҳи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон

Диссертатсияи Сафарзода Зайнудин дар мавзуи “Сифатҳои гўштии чорвои популятсияи маҳаллӣ дар асоси дурагакунӣ бо зоти сарсафеди қазоқӣ дар шароити минтақаи Кўлоб” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рўи ихтисоси 06.02.07 – Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ дар шуъбаи Селексия ва технологияи чорвои гўштӣ, аспparварӣ ва қутоспарварӣ иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Сафарзода Зайнудин унвонҷўи Селексия ва технологияи чорвои гўштӣ, аспparварӣ ва қутоспарварӣ ба шумор мерафт.

Сафарзода Зайнудин соли 1975 бо ихтисоси зооинженер дар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур (собиқ Институти хоҷагии қишлоки Тоҷикистон) дохил шуда, онро соли 1980 хатм намуд. Пас аз хатми донишгоҳи номбурда дар вазифаҳои гуногун зоотехники Иттиҳодияи зотпарварии ноҳияи Восеъ, Сармутахассиси шўъбаи комплекси агросаноатии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муовин ва муовини якуми Директори Агентии таъминоти амволи махсуси назди Вазорати иқтисод ва Ҷумҳурии Тоҷикистон, ходими калони шуъбаи Селексия ва технологияи чорвои гўштӣ, аспparварӣ ва қутоспарварӣ ва унвонҷўи шуъбаи мазкур кор ва фаъолият намудааст. Дар ин давом се маротиба вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум, панҷум ва шашум аз Ҳизби аграрии Тоҷикистон фаъолият намуда дар қабули қарору барномаҳои давлатии самти чорводорӣ саҳми босазо гузоштааст. Ҳамзамон ҳаммуаллифи чорвои калони сергўшти тоҷикӣ (Шаҳодатномаи муаллифии дастоварди селексионӣ типи чорвои калони сергўшти тоҷикӣ №Tj07 муаллифон: Иргашев Т.А., Амиршоев Ф.С., Қарақулов А.Б., Сафарзода З. ва дигарон, аз 11 декабри соли 2023) мебошад.

Номбурда бо фармоиши Президени Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон аз соли 2021 баҳайси унвонҷўи Селексия ва

технологияи чорвои гӯштӣ, аспппарварӣ ва кутоспарварӣ қабул карда шудааст.

Бо роҳбарии доктори илмҳои биологӣ Амиршоев Файзулло Сафарович дар мавзуи “Баровардани типи чорвои сергушти тоҷикӣ” кори илми таҳқиқотиро сар карда дар натиҷаи ҳисоботҳо дар шуъбаи Селексия ва технологияи чорвои гӯштӣ, асппарварӣ ва кутоспарварӣ мавзӯи илмӣ бо таҳрири зерин “Сифатҳои гӯштии чорвои популятсияи маҳаллӣ дар асоси дурагакунӣ бо зоти сарсафеди қазоқӣ дар шароити минтақаи Кӯлоб” қабул карда шудааст.

Имтиҳонҳои номзадиро бомуваффақият аз таърихи фалсафаи илм (баҳои 4), аз забони хориҷӣ (англисӣ) – 4 баҳои ва имтиҳони минимумӣ аз рӯи ихтисос бо баҳои аъло супоридааст.

Диссертатсияи Сафарзода Зайнудин дар ҷаласаи умумии шуъбаи Селексия ва технологияи чорвои гӯштӣ, асппарварӣ ва кутоспарварӣ бо дигар шуъбаҳо аз 5 июни соли 2025, № 6 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия дода шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи “Сифатҳои гӯштии чорвои популятсияи маҳаллӣ дар асоси дурагакунӣ бо зоти сарсафеди қазоқӣ дар шароити минтақаи Кӯлоб” чунин хулоса қабул карда шуд:

- номи мавзуъ “Сифатҳои гӯштии чорвои популятсияи маҳаллӣ дар асоси дурагакунӣ бо зоти сарсафеди қазоқӣ дар шароити минтақаи Кӯлоб” ба ихтисоси зооинженерӣ ва аз рӯи талаботҳо ва шиносномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ихтисоси: 06.02.07-Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ мувофиқат намуда, гузаронидани дурагакунии чорвои зоти сарсафеди қазоқӣ бо чорвои популятсияи маҳаллӣ ва парвариши насли гирифташуда ва минбаъд бо мақсади ба даст овардани зоту типҳои нави чорвои гӯштӣ муҳтавои диссертатсия мебошад.
- Мавзӯи диссертатсия ба самти афзалиятноки рушди илми чорводорӣ ва селексияи чорвои калони шохдор алоқаманд буда дар тадбиқи ҳадафҳои стратегии давлат, таъмини амнияти озуқаворӣ мамлакат бо назардошти самти чорводорӣ мусоидат менамояд.
- вобаста ба мавзуи диссертатсионӣ 9 мақолаи илмӣ аз чоп баровардa шудааст, ки аз муҳтавои диссертатсия ва автореферат гирифта шудааст.
- Санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот мавҷуд аст.

- довталаб бо роҳбари илмӣ самт, мақсад ва методикаи тадқиқотро таҳия намудааст. Шахсан ва мустақилона дар мавзӯъи интихобшуда ҷустуҷӯи манбаъҳои адабиётҳоро гузаронида, дар хоҷагӣ гурӯҳҳои буққаҳои гӯштии насли сарсафеди қазоқӣ ва чорвои беҳтаркардашудаи маҳаллӣ ташкил намудааст. Таҷрибаҳо оид ба омӯзиши вазни зинда, баҳодиҳии намуди беруна (экстерьер), конститутсия, маҳсулнокӣ, нишондиҳандаҳои морфологӣ ва хусусиятҳои хоҷагидорӣ, самаранокии иқтисодӣ, тарҳрезии диссертатсия ва автореферaтро гузаронидааст.

Диссертатсияи Сафарзода Зайнудин дар мавзуи "Сифатҳои гӯштии чорвои популятсияи маҳаллӣ дар асоси дурагакунӣ бо зоти сарсафеди қазоқӣ дар шароити минтақаи Кӯлоб" ба ихтисоси интихобшудаи 06.02.07- Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ пурра мувофиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 06.02.07- Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ мутобиқат менамояд:

б.1. Беҳтар намудани зотҳо, намудҳо, навъҳо, зотҳо ва зотҳои мавҷудаи ҳайвоноти кишоварзӣ;

б.2. Такмили усулҳои мавҷуда ва кор карда баромадани усулҳои нави селексия, баҳодиҳии зотпарварӣ ва сифатҳои маҳсулнокии ҳайвоноти кишоварзӣ;

б.3. Самаранокии усулҳои гуногуни селексия барои зотпарварӣ ва зотӣ;

б.5. Баҳодиҳии хусусиятҳои берунӣ-конститутсионӣ ва ботинии ҳайвонот ва истифодаи нишондиҳандаҳои онҳо дар кори зотпарварӣ.

Диссертатсия аз муқаддима, 4 боб иборат буда боби якум шарҳи адабиётҳо аз 6 зербоб, боби дуюм маводҳо ва методикаи таҳқиқот аз 2 зербоб, боби сеюм натиҷаҳои таҳқиқотҳои илмӣ аз 9 зербоб ва боби чорум аз натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия ва хулоса иборат буда, рӯйхати адабиётҳо аз 158 номгӯй иборат мебошад.

Вобаста ба мавзуи "Сифатҳои гӯштии чорвои популятсияи маҳаллӣ дар асоси дурагакунӣ бо зоти сарсафеди қазоқӣ дар шароити минтақаи Кӯлоб" ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии ва феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 0,5 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

1. Сафарзода З. Хусусиятҳои морфологӣ ва химиявии гӯшти буққачаҳои таҳқиқотӣ /А.А.Файзуллоев, Т.Б. Рӯзиев, М.А. Қосимов, Х.Д. Абдуллоев, З. Сафарзода// Гузоришҳои АИКТ, №4 (78) 2023, С. 67-72.
2. Сафарзода З. Нишондиҳандаҳо сифатии гӯшти буққачаҳоҳангоми хӯронидани кунҷораи зағир / Н.Р. Ғиёсов, З. Сафарзода, Г.Н. Мирзоева, Ҳ.Ҳ. Рофизода// Гузоришҳои АИКТ, №3 (81) 2024, С. 92-96.
3. Сафарзода З. Афзоиши мутлақ ва интенсивии ҷавонаҳо ҳангоми дурага намудани буққаҳои сарсафеди қазоқӣ бо говҳои бехтаркардашудаи маҳалӣ /З. Сафарзода// Гузоришҳои АИКТ, №3 (81) 2024, С. 117-122.
4. Сафаров З. Использование льняного жмыха при выращивании и откорме бычков / Н.Р. Гиёсов, Г.Н. Мирзоева// Институт развития сельского хозяйства. г. Краснодар, Бульварное Кольцо,17., Журнал эффективные животноводство №2 (199) март 2025. стр.89-91. (включен в Российский индекс научного цитирования (РИНЦ))

**II. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаҳои дигар:**

1. Сафарзода З. Самаранокии иқтисодии парвариши буққачаҳои дурагаи зоти қазоқии сарсафед бо говҳои беҳтаркардашудаи маҳалӣ /З. Сафарзода, Ф.С. Амиршоев // Маҷмӯи мақолаҳои Конференсияи илмию амалии байналмилалии Институти иқтисодиёт ва таҳлили системавии рушди кишоварзӣ дар мавзӯи “Рақамикунонӣ дар соҳаи кишоварзӣ омили муҳими таъмини амнияти озуқаворӣ”, Душанбе – 2024.
2. «Рост и развития бычков таджикской черно-пестрой породы при скармливании льняного жмыха» З.Сафарзода., Н.Р. Гиёсов.,., Г.Н. Мизоева., Рофизода Х.Х., Научно-практический журнал Животноводство №2, (18) 2024., стр.47-56.
3. «Аломат ва хусусиятҳои маҳсулнокӣ, сифати гӯшти ҷавоноҳои зоти алои тоҷикӣ ва вобастагии он аз иловаҳои хӯрокӣ». Сафаров З., Ғиёсов Н.Р.,., Мирзоева Г.Н. Маҷаллаи чорводорӣ №3, (19) 2024, саҳ.49-54.
4. Сафарзода З., Амиршоев Ф.С. Селекционная оценка бычков мясных направлении по продуктивности и среднесуточном привесе в Республики Таджикистан. Tojikiston Respublikasida go‘shtdor buqachalarning mahsuldorligi va o‘rtacha kunlik vazn ortishi bo‘yicha

seleksiya bahosi / З. Сафарзода, Ф.С. Амиршоев // 2025, Республика Узбекистан (в печать)

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Сафарзода Зайнудин дар мавзуи "Сифатҳои гӯштии чорвои популятсияи маҳаллӣ дар асоси дурагакунӣ бо зоти сарсафеди қазоқӣ дар шароити минтақаи Кӯлоб" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯи ихтисоси 06.02.07 – Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.
2. Диссертатсияи Сафарзода Зайнудин дар мавзуи "Сифатҳои гӯштии чорвои популятсияи маҳаллӣ дар асоси дурагакунӣ бо зоти сарсафеди қазоқӣ дар шароити минтақаи Кӯлоб" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯи ихтисоси 06.02.07 – Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии дахлдор тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи шуъбаи Селексия ва технологияи чорвои гӯштӣ, асппарварӣ ва қутоспарварӣ санаи 05 июни соли 2025 қабул гардидааст.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ 28 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" 28 нафар, "зид" - нест, "бетараф" - нест.

Раис ҷаласа: директори
Институти чорводорӣ ва чарогоҳи АИКТ
н.и.к. Давлатов Х.Қ.

Котиби ҷаласа: котиби илмии
Институти чорводорӣ ва чарогоҳи АИКТ Исматзода З.

Имзои Давлатов Х.Қ. ва Исматзода З. - ро тасдиқ менамоям,
нозири кадрҳо Асоева С.

"03" 09 соли 2025